**ТАҚРИЗ**

**ба авторeферати номзадии Раҳимов Шодмон Давлатович, дар мавзуи “Самаранокии истифодаи нуриҳои минералӣ дар кишти навъҳои пиёзи барвақтӣ дар водии Вахш”, барои дарёфти дарадаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.09 – Сабзавоткорӣ**

Сабзавоткорӣ дар комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз соҳаҳои муҳим ба шумор рафта, дар таъмини озуқаворӣи мамлакат нақши арзанда дорад. Маҳсулоти соҳаи сабзавоткорӣ аҳолиро бо сабзавоти тару тоза, хушсифат ва пӯхташуда таъмин менамояд. Аз ҳамин лиҳоз интихоби рисолаи мазкур мубрам мебошад.

Ноҳияҳои қисмати ҷанубии Тоҷикистон, аз ҷумла ноҳияи Ҷайхуни вилояти Хатлон, яке минтақаи асосии парвариши пиёзи бехии барвақтӣ дар ҷумҳурӣ мебошад. Чунки шароити иқлими ноҳияи мазкур фаслҳои тирамоҳ-зимистон ва аввали баҳор ба талаботи биологии зироати пиёзи бехӣ мувофиқ буда, ҳосили он дар охири моҳи апрел-аввали май пухта мерасад ва талабот дар ин мавврид ҳам, дар дохили ҷумҳурӣ ва берун аз он ниҳоят меафзояд.

Мақсади таҳқиқот аз нигоҳи илмӣ муайян кардани меъёри истифодаи нуриҳои минералӣ ва таносуби байниҳамдигарии моддаҳои ғизоӣ барои парвариши ҳосили баланду хушсифати пиёзи бехии барвақтӣ дар хокҳои хокистарранги равшани водии Вахши вилояти Хатлон мебошад.

Навгонии илмии диссертатсияи мазкур дар он аст, ки дар рафти тадқдқоти илмӣ бори аввал муаллиф дар ноҳияи Ҷайҳуни вилояти Хатлон, дар хокҳои хокистарранги равшан нишондиҳдндаҳои илман асоснокшудаи таъсири нуриҳои минералии нитрогенӣ, фосфорӣ ва калийгиро ба реҷаи сатҳи онҳоро дар хок, нашъунамои растаниҳои навъҳои пиёзи зудпази бехии «Пешпазак», «Алдоба», «Тунис», ҳосилнокӣ, сифати ҳосил ва самаранокии иқтисодии истифодаи нуриҳро муайян намудааст.

Инчунин, муқаррар кардааст, ки тавассути истифодаи нуриҳои нитрогенӣ, фосфорӣ ва калийдор ва меъёру таносуби илман асоснокшудаи онҳо ҳосилнокии пиёз меафзояд. Боз аз ҷониби муаллифи рисола пешниҳод шудааст, ки дар байни навъҳои омӯхташудаи пиёзи бехии навъи “Тунис” назар ба “Алдоба” 4.0 т/га зиёд ва назар ба навъи “Пешпазак” 1.1 т/га ҳосилнокии паст дошта бошад ҳам, ҳосили бехии ин навъи пиёз аз 5 то 10 рӯз пештар пӯхта мерасад. Хусусияти тезпазии навъи пиёзи “Тунис” дар давраи норасогии пиёз нақши муҳим мебозад.

Муаллиф боз пешниҳод намудааст, ки барои таъмини рушду нумуи навъҳои пиёзи барвақтӣ, ки ба миқдори зарурии моддаҳои ғизоии нитрогенӣ, фосфорӣ, калийдор дар таркиби хок ниёз доранд истифодаи меъёри 240 кг/га нитроген ,120 кг/га фосфор ва 90 кг/га калий ба сифати моддаи таъсиркунанда зарур мебошад.

Матни асосии диссертатсия дар 146 саҳифаи компютерӣ ҷой дода шуда, 5 боб, хулоса, пешниходу тавсияҳо барои истеҳсолотро дар бар мегирад. Руйхати адабиёти истифодашуда аз 157 номгуй, аз ҷумла 6 адабиёти хориҷӣ иборат аст. Рисола хело хуб расму ҷадвалҳо ороиш додашудааст. Мазмуни таҳқиқот дар 16 маводи интишорӣ, аз ҷумла 5 мақола маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидааст.

Дар хулоса қайд карданиам, ки диссертатсияи Раҳимов Шодмон Давлатович дар мавзуи “Самаранокии истифодаи нуриҳои минералӣ дар кишти навъҳои пиёзи барвақтӣ дар водии Вахш”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз руйи ихтисоси 06.01.09-Сабзавотпарварӣ пешниҳод гардидааст, кори илмии бисёрсолаи анҷомёфта ва дар сатҳи баланди илмӣ иҷро шуда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз руйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

Муқарриз:
Профессори кафедраи ботаника ва дендрологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои
кишоварзӣ / / Сатторов Р.Б.

29 ноябри соли 2025
Суроға: 735920, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Ҳисор,
ҷамоати Сомониён, деҳаи Боғистон -171. Тел: +992 907969476.
E-mail: sattorov59@mail.ru

Имзои Р.Б. Сатторовро тасдиқ менамоям;
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

Суроғаи муассиса: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
хиёбони Рдакӣ-17; тел. : 221-77-11(қабулгоҳ).